**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ “ДОНИШКАДАИ ДАВЛАТИИ ФАРҲАНГ ВА САНЪАТИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА”**

ВБД: 07:654.197 (575.3)

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ХОЛОВ ШОДМОН ЯТИМОВИЧ**

# ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ РАДИОҲОИ ИТТИЛООТИВУ ФАРОҒАТӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

(дар мисоли радиоҳои “Имрӯз” ва “Ховар” )

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи
илмии номзади илми филология
аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 — Рӯзноманигорӣ

**ДУШАНБЕ – 2023**

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи телевизион ва радиои МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Муқимов Муҳамадӣ Аминович -**
доктори илми филология,
профессори кафедраи журналистикаи
байналхалқии ДМТ

**Муқарризони расмӣ:** **Хоҷазод Саидмурод -**
доктори илми филология, профессори
кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

**Раҳимҷон Хушдил -**
номзади илми филология, сармуҳаррири
Муассисаи давлатии “Маҷаллаи “Илм ва ҳаёт”

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи байнидавлатии маълумоти
олии Донишгоҳи (Славянӣ)
Россия ва Тоҷикистон

Ҳимоя рӯзи «21» сентябри соли 2023, соати 15.00 дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, бинои таълимии 10-уми ДМТ, ошёнаи 5, шурои олимон, №503) баргузор мегардад.

Бо муҳтавои диссертатсия тавассути сомонаи www.tnu.tj ва дар китобхонаи маркази Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишонии 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 шинос шудан мумкин аст.

Автореферат рӯзи «___» _____ соли 2023 фиристода шуд.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Сироҷиддини Эмомалӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар замони муосир нақши радио дар ташаккули афкори солим, тарғиби арзишҳои миллӣ, санъат, адабиёт, ҳифзи забон ва ба вуҷуд овардани андешаи нави иҷтимоӣ бузург аст. Имрӯз ки ҷаҳонишавӣ босуръат пеш меравад, шабакаҳои радиоӣ барои иттилоърасонӣ зарурати бештар пайдо кардаанд. Аз ин рӯ ҳам радиои "Имрӯз" ва ҳам радиои "Ховар" шабонарӯзӣ фаъолият намуда, барномаҳои зиёди хабариву таҳлилӣ пахш мекунанд. Ин радиоҳо барои қисми муайяни аҳолӣ манбаи дарёфти иттилоъ ба шумор мераванд. Вусъат ёфтани фазои иттилоотӣ ва таъсир расондани омилҳои зиёд ба ин фазо масъулияти радиоро ҳамчун ВАО дар ҷомеа бештар кардааст. Барномаҳои хабариву таҳлилӣ ва фароғатии радиоҳо, аз ҷумла барномаҳои ин ду шабака, дар ҳифзи фазои иттилоотӣ ва тарғиби ҳувияти миллӣ нақши муҳим мегузоранд.

Шабакаҳои радиои иттилоотиву фароғатӣ ҷузъи таркибии радиоҳои анъанавӣ бошанд ҳам, хусусияти хос доранд, ки онҳоро дар тарзи пешниҳоди мавзуъ, мундариҷаи барномаҳо, ҳудуди пахш, сохтор, нуфузи аудитория ва амсоли ин муайян кардан мумкин аст. Радиоҳои "Имрӯз" ва "Ховар" дар фазои иттилоотии кишвар ҷойгоҳи худро пайдо намуда, тӯли фаъолият шунавандагони зиёдро ба худ ҷалб кардаанд.

Омӯзиши заминаҳои пайдоиш ва ташаккули шабакаҳои радиои иттилоотиву фароғатӣ бо  дарназардошти муҳтавои барномаҳои онҳо боиси он мегардад, ки ин воситаи ахбори омма ҳадафмандона истифода шавад. Дар замони имрӯз радио дар баробари дигар воситаҳои ахбори омма на танҳо нақши фароғату иттилоърасониро иҷро мекунад, балки ҳамчун василаи идеологии абарқудратҳо истифода мешаванд.

Барои муайян намудани фаъолияти радиоҳои иттилоотиву фароғатӣ мо ду шабакаи аз рӯи таъиноташон гуногунтип, яке – давлатӣ ва дигаре – ғайридавлатиро мавриди таҳқиқ қарор додем.

Омӯзишу пажуҳиши фаъолияти радиоҳои "Имрӯз" ва "Ховар", ки объекти ин кори диссертатсионӣ қарор гирифтаанд, аз нигоҳи ташаккул ва таҳаввул бо дарназардошти фарогирии мавзуъ, истифодаи фанноварихои замонавӣ, сатҳи касбият ва завқи журналистон, ҳамчунин истифодаи роҳҳои пешбурди кор дар шароити технологияи инноватсионӣ аз ҳар ҷиҳат зарур ва аҳаммиятнок аст.

Аҳаммияти таҳқиқи ин мавзуъ боз дар он аст, ки объекти пажуҳиш – радиоҳои "Имрӯз" ва "Ховар", тӯли фаъолияти худ мактаби касбашонро ба шакл

даровper, ки омӯзиши сабақҳои онҳо барои рушди соҳа судманд буда метавонад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Мавзуи пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули низоми радиошунавонӣ, тарзу услуби барномасозӣ, интихоби мавзуъ ва муҳтавои барномаҳо, истифодаи имконоти жанрҳои публитсистӣ дар барномасозӣ то имрӯз таваҷҷуҳи олимони зиёдро ба худ ҷалб кардааст. Хусусан, олимону муҳаққиқони рус дар солҳои Иттиҳоди шуравӣ доир ба фаъолияти радио ва дар оғози асри XXI перомуни таҳаввул дар низоми радиошунавонӣ рисолаву мақолаҳои зиёд навиштаанд. Аз назари олимони тоҷик ҳам пажуҳиши ин мавзуъ дур намондааст, аммо агар қисме аз асарҳои дар бораи таърихи радиошунавонӣ навиштаи олимони тоҷик илмӣ бошанд, қисми дигар бештар хотироти муаллифон ва собиқадорони радиоро дар бар гирифта, ҷанбаи публитсистӣ доранд. Ин таълифот, асосан, фаъолияти радиои “Тоҷикистон”-ро дар давраҳои гуногуни рушд дар бар мегиранд.

Пажуҳишҳои дар ин соҳа бамиёномадаро дар маҷмуъ ба таври зайл метавон гурӯҳбандӣ кард:

Ба **гурӯҳи аввал** асару рисолаҳои олимони русро дохил намудан мумкин аст, ки дар бораи хусусияти кори радио, зуҳури шабакаҳои нави радиоӣ ва услуби барномасозии онҳо таълиф шудаанд. Аз ҷумла, асару рисолаҳои М. С. Глейзер, В. Н. Ружников, А. П. Болгарева, Н. А. Толстова, А. И. Мелников, В. В. Барабаш, В. Б. Дубровин, Ю. Ю. Федутинов, А. В. Бубукин, Д. И. Любосветов, А. Музиря, Е. Н. Ионкина, С. Беляев, В. А. Сухарева, В. П. Зверев, М.И. Суканова, Я. В. Усолсева, О. В. Тихонова ва дигарон[1]. Ин таълифот аз оғози фаъолияти

[1] Ниг: Глейзер М.С. Радио и телевидение в СССР [Текст]/ М.С. Глейзер. – М., 1960. –143 с.; Ружников В.Н. Так начиналось. Историко-теоретический очерк советского радиовещания 1917-1928 [Текст] // В.Н. Ружников. – М., 1987. – 208 с.; Телевидение и радиовещание СССР [Текст] / [С.П. Алексеев, А.И. Ахтырский, А.Х. Бикчантаев и др.; Сост. В.П. Волков, В.Н. Козловский, А.Н. Приходько; Под общ. ред. А.П. Болгарева]. – Москва: Искусство, 1979. – 294 с.; Толстова Н.А. Внимание: включаю микрофон! [Текст] / Н.А. Толстова. – М.: 1972. – 223 с.; Мельников А. И. Создание и развитие массового радиовещания – важного средства идеологической работы КПСС (1924-1928): дис., канд. ист. наук: 07.00.02 [Текст] / А. И. Мельников. – М., 1966. – 165 с.; Барабаш, В. В. Радио как институт культ,уры: теория, история, практика / В. В. Барабаш. – Москва: Права человека, 2007. – 324 с.; Дубровин, В. Б. К истории советского радиовещания [Текст] / Ленингр. гос. ун-т им. А. А. Жданова. Фак. журналистики. – Ленинград: Изд-во Ленингр. ун-та, 1972. – 78 с.; Федутинов Ю. Ю., Васильева Е. Н., Мироненко О. В. Независимое радиовещание: уроки успеха [Текст]. – М.: РИП-холдинг, 1997. – 78 с.; Бубукин А.В. Эфирные тайны [Текст]. – Новосибирск: Издателство “FM-реклама”, 2003. – 148 с.; Любосветов Д.И. По законам эфира. О специфике творчества радиожурналиста [Текст] / Д.И. Любосветов. – М.: Искусство, 1979. – 158 с.; Музыря А. В эфире радиостанция «Юность» [Текст]. – М., 1979. – 198 с.; Ионкина Е.Н. Информационное вещание петербургских FM-радиостанций: структурно-функциональные и проблемно-тематические аспекты: дис. канд. филол. наук: 10.01.10 [Текст]/ Е.Н. Ионкина. – Санкт-Петербург,

радиошунавонӣ дар Иттиҳоди шуравӣ то тағйироту таҳаввул дар низоми радиошунавонии Русия дар оғози асри XXI-ро дар бар мегиранд.

**Гурӯҳи дуюм** рисолаву асарҳои олимони тоҷик доир ба масъалаҳои таҳаввулот дар низоми радиошунавонӣ дар Тоҷикистонро дар бар мегиранд. Дар ин гурӯҳ асарҳои муҳаққиқон А. Саъдуллоев, И. Усмонов, У. Гулмуродов, А. Азимов, Ҷ. Саъдуллоев, С. Гулов, С. Хоҷазод, Ш. Муллоев, Д. Давронов, Д. Рустамова, О. Саидзода, С. Раҳматов, В. Шарифов, В. Волков[2] ва дигарон дохил мешаванд. Ин асарҳо ё пурра дар бораи радиошунавонӣ таълиф шудаанд, ё муаллифони онҳо дар баробари баррасии мавзуи дигар ба таҳқиқи фаъолияти радио ҳам пардохтаанд.

Миёни ин муҳаққиқон И. Усмонов дар китоби “Таърихи журналистикаи тоҷик” ва С. Хоҷазод дар рисолаи “Таърихи Радиои “Тоҷикистон” доир ба Радиои “Имрӯз” маълумоти мухтасар овардаанд. Дар мақолаҳои А. Азимов ва Ш. Муллоев дар бораи радиоҳои “Имрӯз” ва “Ховар” ишораҳо шудааст.

Ба **гурӯҳи сеюм** рисолаву асарҳои муҳаққиқон дар бораи жанрҳои журналистика дохил мешаванд, ки дар қисмати назариявии диссертатсия истифода шудаанд. Аз олимони рус В. В. Смирнов, М. Н. Ким, А. А. Тертичний, Т. В. Лебедева, Ю. Д. Бараневич, олимони тоҷик А. Нуралиев, И. Усмонов, А. Саъдуллоев, М. Муродӣ, М. Абдуллоев, М. Муқимов, С. Гулов, З. Муъминҷонов,

---

2005. – 231 с.; Сухарева В.А. Система отечественного радиовещания в процессе социально-экономической трансформации (1990–2005): дис. канд. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / В.А. Сухарева. – М.: МГУ, 2006. – 230 с.; В диапазоне современности: Радиовещание 80-х гг. в нашей стране и за рубежом. [Сб. ст. / Сост. В. П. Зверев, В. Н. Ружников]. – Москва: Искусство, 1985. – 333 с.; Цуканова М.И. Становление и развитие воронежского радиовещания 1925-1991 годов (на примере ВГТРК): автореф. дисс. канд. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / М.И. Цуканова. – М.: 2007. – 168 с.; Усольцева Я. В. Утреннее шоу как вид радиопрограммы: типология, структура, функции: автореф. дисс. канд. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / Я. В. Усольцева; Кубанского гос. ун-та. – Краснодар, 2008. – 23 с.; Тихонова О. В. Радиогазеты в Советской России (1920–1930-е гг.) [Текст]: монография. – М.: Фак. журн. МГУ, 2020. – 200 с.

[2] Ниг: Нуралиев, А., Саъдуллоев, А., Усмонов, И., Гулмуродов, У. Журналистикаи советии тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 173 с.; Усмонов И. К. Журналистика. Қ.1-4 [Матн] / И. К.Усмонов. – Душанбе: Империал-Групп, 2005-2011 с., Усмонов И. К. Соли Набиев [Матн] / И. К. Усмонов. – Душанбе, 1995. – 114 с., Усмонов И. К., Давронов Д. Таърихи журналистикаи тоҷик [Матн] / И. К. Усмонов, Д. Давронов. – Душанбе: Азия-Принт, 2008. – 280 с.; Азимов, А. Таърихи радиои тоҷик [Матн] / А. Азимов. – Душанбе: Матбуот, 2005. – 24 с., Садуллаев Дж. М. Межгосударственная телерадиокомпания «Мир» – как новый тип межгосударственного средства массовой информации в контексте интеграционных процессов СНГ: дис. … док. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / Садуллаев Джамшед Муллокомилович. – Душанбе, 2013. – 315 с.; Азимов А. Проблемаҳои радиоҳои ғайриҳукуматӣ [Матн] / А. Азимов // Боли сухан. (Маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе: Сино, 2004. — С. 11-17.; Хоҷазод С. Радиои Тоҷикистон дар даврони истиқлолият: дис. ном. илм. филол: 10.01.10 [Матн] / С. Хоҷазод. – Душанбе, 2009. – 173 с., Хоҷазод, С. Таърихи радиои Тоҷикистон Қ.1-2 [Матн] / С. Хоҷазод. – Душанбе: Деваштич, 2006 с.; Гулов, С. Амвоҷи сухан [Матн]. (маҷмуаи мақолаҳо) / С. Гулов. – Душанбе: Эҷод, 2005. – 96 с.; Рустамова Д. Проблемы соблюдении этических норм в программах радио “Таджикистан”: дис. канд. фил. наук: 10.01.10 [Текст] / Д. Рустамова. – Душанбе, 2019. – 153 с.; Саидзода О. Махсусияти таблиғи адабиёт ва санъат дар осори савтии радиои “Тоҷикистон”: дис. ном. илм. филол: 10.01.10 [Матн] / О. Саидзода. – Душанбе, 2019. – 139 с.; Раҳматов, С. Минбари савту калом [Матн] / С. Раҳматов. – Душанбе: Статус, 2001. – 171 с.; Шарифов В., Волков В. Парвози сухан [Матн] / В. Шарифов, В. Волков. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 85 с.

У. Наҷмиддинова[3] ва дигарон таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд, ки барои омӯзишу таҳқиқи мавзуъ адабиёти муҳим ба шумор мераванд.

Омӯзиши сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки мавзуи таҳқиқ қисман мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гирифта, вале қисме аз он амиқ омӯхта нашудааст. Махсусан, омилҳои пайдоиш ва ташаккули шабакаҳои радиои “Имрӯз” ва “Ховар” то ҳанӯз дар шакли пажуҳиши диссертатсионӣ таваҷҷуҳи аҳли илмро ҷалб накардааст.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода” иҷро шудааст. Масъалаҳои таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои таҳқиқи илмӣ алоқаманд аст. Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқи илмӣ барои таҳия ва такмили барномаҳои таълимӣ истифода шуда метавонад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ**. Мақсади таҳқиқ муайян намудани омилҳои пайдоиш ва ташаккули шабакаҳои радиоии иттилоотиву фароғатии “Имрӯз” ва “Ховар”, муайян намудани раванди инкишоф, низоми кор, вижагии барномасозӣ ва таснифоти жанрии барномаҳои ин шабакаҳо мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқ. Барои расидан ба ин мақсад дар доираи мавзуи таҳқиқ иҷрои вазифаҳои зеринро зарур мешуморем:

- муайян намудани омилҳои пайдоиш, ташаккул ва инкишофу таҳаввули шабакаҳои радиоии иттилоотиву фароғатии “Имрӯз” ва “Ховар”;

---

[3] Ниг: Смирнов, В.В. Жанры радиожурналистики [Текст] / В.В. Смирнов. – М.: Аспект-пресс, 2002. – 288 с.; Ким М.Н. Жанры современной журналистики [Текст] / М. Н. Ким. – СПб. : Изд-во Михайлова В. А., 2004. – 335 с.; Тертычный А.А. Жанры периодической печати [Текст]. Учебное пособие / А. Тертычный. – 5-е изд., исп. и доп. – М.: “Аспект-Пресс”, 2014. – 350 с.; Лебедева Т.В. Жанры радиожурналистики [Текст]: Учебное пособие / Т.В. Лебедева. — М.: Аспект Пресс, 2012. — 224 с.; Бараневич Ю.Д. Жанры радиовещания: Проблемы становления, формирования, развития [Текст]. – Киев-Одесса: Издательское объединение «Вища школа», 1978. – 193 с.; Нуралиев А. Жанрҳои ахбории матбуот. – Душанбе 2006. – 97 с.; Саъдуллоев, А., Гулов С. Жанрҳои журналистикаи радио [Матн] / А. Саъдуллоев, С. Гулов. – Душанбе, 1997. – 48 с., Саъдуллоев А., Гулов С. Жанрҳои журналистикаи радио. Бахши дуюм: Жанрҳои таблиғӣ-публитсистӣ [Матн] / А. Саъдуллоев, С. Гулов. – Душанбе: Эҷод, 2005. – 72 с.; Муродов М. Асосҳои эҷоди журналистика [Матн]. (Китоби дарсӣ). – Душанбе: Ирфон, 2014. – 256 с.; Жанры журналистики: Методическое руководство для студентов-бакалавров отделения журналистики по курсу “Основы журналистской деятельности” [Текст]. / Сост. М. А. Абдуллаев. – Душанбе: РТСУ, 2015. – 44 с.; Муқим Ҷ. Мусоҳиба ва техникаи таҳияи он [Матн]. Дастури таълимӣ / Ҷовид Муқим. – Душанбе. Озар, 2013. – 160 с., Муқим Ҷ. Мақоми жанрҳо дар Радиои “Озодӣ” [Матн] / Ҷовид Муқим. – Душанбе: Сино, 2000. – 55 с.; Муъминҷонов З. Махсусияти жанрҳои иттилоотиву таҳлилии телевизион [Матн]/ З. Муъминҷонов. – Душанбе, 2015. – 120 с.; Наҷмиддинова У. Махсусияти жанрҳо дар барномаҳои субҳгоҳии радиои ҷумҳурӣ: дис. ном. илм. филол: 10.01.10 [Матн] / У. Наҷмиддинова. – Душанбе, 2012. – 158 с.

- ошкор намудани мушкилот ва монеаҳо дар рушди фаъолияти низоми радиошунавонӣ;
- баррасии раванди ташаккули шабакаҳои радиоии “Имрӯз” ва “Ховар”;
- таснифи марҳалаҳои рушди шабакаҳои радиои иттилоотӣ ва дурнамои онҳо;
- нишон додани вижагиҳои барномасозӣ дар радиоҳои “Имрӯз” ва “Ховар”;
- муайян кардани таъсири барномаҳои радиоҳои иттилоотиву фароғатӣ ба мафкураи шунавандагон;
- таҳлили муқоисавии сохтори барномаҳои радиоҳои “Имрӯз” ва “Ховар”;
- мушаххас кардани мавқеи жанрҳои публитсистӣ дар барномаҳои радиоҳои иттилоотиву фароғатӣ.

**Объекти таҳқиқ** шабакаҳои радиоии “Имрӯз” ва “Ховар”-ро дар бар мегирад.

**Предмети таҳқиқ** омил ва заминаҳои пайдоишу ташаккули шабакаҳои радиои “Имрӯз” ва “Ховар” бо дарназардошти вижагиҳои сохторӣ, мундариҷавӣ ва жанрӣ ба ҳисоб меравад.

Марҳала, макон ва давраи таҳқиқ аз соли 2007 то соли 2021-ро дар бар гирифта, ҳангоми баррасии ташаккули низоми радиошунавонӣ ба солҳои 90-ум то 2006 ҳам таваҷҷуҳ карда шудааст. Сабаби ин солҳоро интихоб намудан дар он аст, ки соли 2007 радиои “Имрӯз” таъсис ёфтааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқ**. Дар раванди пажуҳиш осори илмии олимони соҳа, махсусан, асарҳои Т. В. Лебедева, В. В. Смирнов, Г. Лазутина, А. Нуралиев, И. К. Усмонов, М. Муқимов, А. Азимов, М. Муродӣ, А. Саъдуллоев, С. Хоҷазод, М. Абдуллоев, С. Гулов, З. Муъминҷонов ва дигарон ба ҳайси маводи назариявӣ истифода шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Ҳангоми пажуҳиши мавзуи диссертатсия аз методҳои таҳлили анъанавӣ, муқоисавӣ ва сифативу миқдорӣ (контентӣ) истифода шуд. Истифода аз ин методҳо дар такя ба принсипи хронологизм барои муайян намудани омилҳои пайдоишу ташаккул ва муайян намудани мавқеи радиоҳои “Имрӯз” ва “Ховар” дар низоми радиошунавонии Тоҷикистон мусоидат намуд.

**Сарчашмаи таҳқиқ.** Сарчашмаи асосии таҳқиқи диссертатсия барномаҳои радиоҳои “Имрӯз” ва “Ховар” (солҳои 2007-2022) мебошад. Ҳамчунин хабару мусоҳибаҳои доир ба ин мавзуъ дар матбуоти даврӣ нашршуда, суҳбатҳои муаллиф бо собиқадорони радио, таҷрибаи кории диссертант дар радио ба сифати сарчашма хизмат карданд.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Фаъолияти радиоҳои “Имрӯз” ва “Ховар” бори нахуст дар доираи диссертатсияи номзадӣ мавриди пажуҳиши илмӣ қарор мегирад. Ба ин маънӣ, навгонии таҳқиқро, қабл аз ҳама, бо бори аввал коркард шудани омилҳои пайдоиш, ташаккул ва баррасии таҳаввули шабакаҳои радиоии иттилоотиву фароғатӣ, муайян намудани вижагиҳои шабакаҳо дар марҳалаҳои гуногуни рушд, тарзи таҳияи барномаҳо ва инъикоси воқеияти рӯз дар онҳо метавон асоснок кард. То имрӯз дар муҳити илмии мо шабакаҳои радиоии замони Истиқлол пурра таҳқиқ нашудаанд. Навгонии ин таҳқиқро дар чунин ҷиҳатҳо метавон мушаххас кард, ки бори аввал сурат гирифтааст:

- заминаҳои пайдоиш ва омилҳои рушди шабакаҳои радиои иттилоотиву фароғатӣ дар Тоҷикистон;

- бори нахуст мавриди омӯзиши амиқи илмӣ қарор гирифтани фаъолияти шабакаҳои радиоҳои “Имрӯз” ва “Ховар”;

- ба таври муқоиса муайян кардани ҳадаф, вазифа ва муҳтавои барномаҳои радиоҳои “Ховар” ва “Имрӯз”;

- муайян кардани нақши унсурҳои ёрирасони техникӣ, эффектҳои овозӣ барои ҷолиб шудани барнома;

- ошкор карда шудани таъсири барномаҳои радиоҳои иттилоотиву фароғатӣ ба мафкураи аудитория ва нақши онҳо дар боло бурдани маърифати шаҳрвандон;

- муайян кардани мавқеи жанрҳои хабариву таҳлилӣ ва истифодаи унсурҳои жанрсоз дар барномаҳои радиоҳои “Имрӯз” ва “Ховар”.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Дар таъсису пайдоиши шабакаҳои радиоҳои иттилоотиву фароғатӣ, махсусан радиоҳои “Имрӯз” ва “Ховар”, омилҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ таъсиргузор буданд. Пайдоиши ин типи шабакаҳо аз таъсиси студияи “Фурӯғи Ориёно” (соли 1992) ва шабакаи мустақими “Садои Душанбе” (соли 1999) манша гирифта, Радиои “Тироз” (2001) асосгузори ин гуна шабакаҳо маҳсуб меёбад;
2. Таъсиси радиоҳои “Имрӯз” ва “Ховар” на танҳо боиси то андозае пур шудани холигии фазои иттилоотии кишвар, балки ба вуҷуд омадани рақобат миёни шабакаҳои радиоӣ гардид;
3. Радиоҳои “Имрӯз” ва “Ховар” аз нигоҳи сохтор, усули фаъолият, дастрасии мавод, коркард ва тарзи пахши иттилоот вижагиҳои умумӣ ва хоса доранд. Дар муқоиса имкониятҳои радиои “Ховар” зиёдтар аст;

4. Шабакаҳои радиоии мавриди таҳқиқ рӯйдод ва масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии ҷомеаро таносубан ҳам дар барномаҳои хабарӣ, ҳам таҳлилӣ ва ҳам фароғатии худ инъикос намуда, шеваи муносибат ба воқеаву масъалаҳо ва тарзи баёни онҳо дар ин шабакаҳо гуногун аст;
5. Радиоҳои "Имрӯз" ва "Ховар" дар инъикоси воқеиёти рӯз ва баррасии масъалаҳои иҷтимоӣ бештар аз қолаб ва имконоти жанрҳои гуногуни публитсистӣ: хабар, репортаж, ҳисобот, табсира, мухбирнома, мусоҳиба, баёнияи радиоӣ ва суҳбат кор гирифтаанд;
6. Ҳарчанд Радиоии "Имрӯз" бо таъиноти иттилоотиву фароғатӣ таъсис ёфтааст, он тадриҷан хусусияти таҳлилӣ пайдо кардааст. Бахусус, аз соли 2012 таъиноти таҳлилии он қавитар гардидааст;
7. Шабакаҳои радиоии "Имрӯз" ва "Ховар" дар барномаҳои худ аз омилҳои инноватсионии ҷалби шунавандагон ва таъсир ба мафкураи онҳо моҳирона кор гирифта метавонанд;
8. Фазои иттилоотии Тоҷикистон ба шабакаҳои радиои хабарӣ ниёзи бештар дорад. Инро хоҳишу талаботи аҳолӣ ба навъҳои гуногуни иттилоъ асоснок мекунад;
9. Радиоҳои "Имрӯз" ва "Ховар" дар инъикосу баррасии мушкилоти ҷомеа, тарғиби фарҳангу арзишҳои миллӣ, муаррифии дастовардҳои замони Истиқлол, таҳкими ваҳдату ягонагӣ нақши муҳим мегузорад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои пажуҳиш барои таҳқиқи минбаъдаи фаъолияти шабакаҳои радиоии иттилоотиву фароғатӣ замина мегузорад. Диссертатсия сарчашмаи нави илмӣ дар шинохти форматҳои замонавӣ, ки талаботи аудиторияро қонеъ ва ӯро ба радио ҷалб намояд, маҳсуб меёбад. Муҳтавои диссертатсия барои омӯхтани давраҳои рушди радио дар Тоҷикистон, хусусан дар замони Истиқлол, манбаи илмӣ-назариявӣ ба шумор меравад. Ин таҳқиқот то андозае ба рушди илми журналистикаи тоҷик саҳм гузошта, дар баробари дигар пажуҳишҳо таърихи фаъолияти радиоро дар Тоҷикистон пурра мегардонад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ.** Натиҷа ва хулосаҳои таҳқиқ метавонад барои пешбурди кори шабакаҳои радио истифода шуда, дар рушди низоми радиошунавонии тоҷик кумак кунад. Инчунин муҳтавои диссертатсия дар дарсу семинарҳои донишгоҳӣ дар бахшҳои ташаккули радио дар замони Истиқлол, омӯзиши фаъолияти шабакаҳои радиоии иттилоотиву фароғатӣ, жанрҳои

радиожурналистика ва амсоли ин барои факултаву шуъбаҳои журналистика ба ҳайси маводи таълимӣ метавонад истифода шавад.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи “Пайдоиш ва ташаккули радиоҳои иттилоотиву фароғатӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли радиоҳои “Имрӯз” ва “Ховар”) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10. – Рӯзноманигорӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар таҳқиқ дар ҷамъоварии маводи зарурӣ, тасвиби натиҷаҳо, омода намудани мақолаву маърузаҳо доир ба мавзуи диссертатсия инъикос меёбад. Таҳқиқи мазкур натиҷаи кори чандинсолаи муаллиф буда, дар шакли диссертатсия ба анҷом расонида шудааст. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд, натиҷаи таҳқиқи мустақилонаи довталаб мебошанд.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои таҳқиқи мазкур аз ҷониби муаллиф дар семинарҳо ва конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳфилу конфронсҳои донишгоҳии МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода” ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2014-2020), аз ҷумла, дар мавзуъҳои “Нақши радио дар инъикоси масъалаҳои ҳаёти фарҳангӣ” (ДДФСТ, 2-юми марти соли 2018), “Барномасозӣ дар радиоҳои иттилоотиву фароғатӣ: вазъ ва мушкилот” (ДМТ, 25-уми апрел соли 2018), “Инъикоси масъалаҳои фарҳангӣ дар шабакаҳои радиоӣ” (ДДФСТ, 27-уми апрели соли 2018), “Мавқеи жанрҳо дар радиоҳои иттилотӣ” (ДДФСТ, 6-уми марти соли 2019), “Инъикоси мушкилоти рӯз дар барномаҳои радиоҳои “Имрӯз” ва “Ховар” (ДМТ, 24-уми апрели соли 2019), “Нақши радио дар таҳкими Вахдати миллӣ” (ДДФСТ, соли 2019), “Умумият ва тафовути барномаҳои радиоҳои иттилоотиву фароғатӣ (дар мисоли радиоҳои “Имрӯз” ва “Ховар”)”, (Радиои Тоҷикистон, 6-уми апрели соли 2023), Саҳми Аминҷон Шукӯҳӣ дар рушди низоми радиошунавонӣ (Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Аминҷон Шукӯҳӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти нимаи дуюми садаи XX», (09 июни соли 2023) ва ғайра дар шакли маъруза баён гардида, мақолаҳои ҷудогонаи муаллиф дар маҷмуа ва маҷаллаҳои илмӣ ба табъ расидаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраҳои журналистикаи телевизион ва радиошунавонӣ ва кафедраи умумидонишкадавии филологияи тоҷики МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода” 26-уми сентябри соли 2020 (суратҷаласаи №2 аз 26.09.2020) ва ҷаласаи шурои олимони факултети журналистикаи телевизион ва радиои МДТ “Донишкадаи

давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода” рӯзи 3-юми марти соли 2023, (суратҷаласаи №6) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Муҳтавои диссертатсия дар 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл ва хулосаву феҳристи адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 193 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқи илмӣ, дараҷаи омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳои ба миён гузошташуда, объект ва предмет, сарчашма, методология ва навгониҳои таҳқиқ, арзиши назарию амалӣ ва нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшуда мушаххас гардида, заминаҳои асосии мавзуъ асоснок ва муаррифӣ шудаанд.

Боби аввал – “**Заминаҳои пайдоиши шабакаҳои радиоии иттилоотиву фароғатӣ”** номгузорӣ шуда, аз ду фасл иборат аст. Дар оғози ин боби диссертатсия фаъолияти радиои тоҷикро дар аввали солҳои 90-ум таҳлилу баррасӣ намудем.

Дар фасли аввал – **“Раванди таъсис ва ташаккули радиоҳои иттилоотиву фароғатӣ”** омилҳои хуб рушд накардани низоми радиошунавонӣ дар солҳои аввали Истиқлол ва заминаҳои пайдоиши шабакаҳои иттилоотиву фароғатӣ нишон дода шудааст. Бо сабабҳои вазъи на он қадар хуби иқтисодӣ дар аввали солҳои 90-уми асри гузашта, фаъолияти радио ҳам дар баробари дигар соҳаҳои ҳаёт ба душворӣ пеш мерафт. Ба ин мазмун пайдо шудани расонаҳои нав, пеш аз ҳама, ба ҳолати зиндагӣ ва тафаккури мардум, ҳамчунин ба вазъи иқтисодии кишвар вобаста аст. Чунончи, муаллифони китоби “Журналистикаи советии тоҷик” навиштаанд: “Афкори иҷтимоиву сиёсии ҳар халқ баробари тараққиёти иқтисодӣ, инкишофи адабиёту санъат аз бисёр ҷиҳат ба ривоҷу равнақи матбуот вобаста аст, зеро пешрафтҳои иҷтимоиву сиёсӣ, пеш аз ҳама, дар саҳифаҳои он инъикос меёбанд”.[4] Мардуми Тоҷикистон дар солҳои аввали Истиқлол ба гирифтани иттилоъ, хусусан будани шабакаҳои радиоии иттилоотӣ, аз ҳарвақта бештар ниёз пайдо карданд, чунки дар замони ноором ӣ чопи матбуоти даварӣ, аз як тараф, суст

[4] Нуралиев, А. Журналистикаи советии тоҷик [Матн] / А. Саъдуллоев, И. Усмонов, П. Гулмуродов. – Душанбе: Ирфон, 1989. – С. 11.

гардид, аз тарафи дигар, ба ҳар минтақа саривақт дастрас намешуд. Гузашта аз ин, таъсиси шабакаҳои радиоии типи нав ҷанбаи тиҷоратӣ доштанд.

Бинобар он ки Тоҷикистон аввали солҳои 90-ум ба ноороми҇о гирифтор шуд, низоми радиошунавонӣ ба таври лозим рушд накард. Ҳатто 5-уми майи соли 1992 телевизиону радио ба дасти майдоннишинони мухолиф афтод. Бино ба навиштаи профессор Иброҳим Усмонов, дар муддати 7 моҳе, ки нерӯҳои мухолифи ҳукумати конститутсионӣ телевизиону радиоро идора мекарданд, низоми идорӣ тағйир ёфта, "барномаҳо хусусияти таҳқиркунанда пайдо карданд ва ниҳоят сардаргумиеро ба миён овард."[5] Солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, хусусан, замоне ки нерӯҳои мухолифин ҳукумати кишварро ба даст гирифтанд, ба фаъолияти Радиои "Тоҷикистон" бетаъсир намонд. Радиоро, ки дастгоҳи идеологӣ ба ҳисоб меравад, ҳар гурӯҳ мехост, ба нафъи худ истифода намояд. Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, ки пояҳои иқтисод фалаҷ шудаву почта қариб кор намекард ва нашрияҳои чопӣ саривақт ба гӯшаву канори кишвар намерасид, нақши радио дар таъмини аҳолӣ бо иттилоъ боризтар гардид.

Ҳарчанд дар Тоҷикистон аввалин радиои фароғативу иттилоотӣ "Тироз" (2001) аст, вале оғози ин гуна шабакаҳои радиоӣ ҳанӯз аз таъсиси студияи "Фурӯғи Ориёно" (1992) манша мегирад.

Дар солҳои аввали Истиқлол ҳарчанд барои таъсиси телевизион ва радиоҳои хусусӣ заминаи ҳуқуқӣ муҳайё буд, вале бо сабаби бухрони сиёсиву иқтисодие, ки Тоҷикистонро фаро гирифт, соҳаи телевизион ва радиошунавонӣ рушд накард. Аммо дар сохтори кори радиошунавонӣ тадриҷан дигаргуниҳо ба вуҷуд омаданд. Аз ҷумла 18-уми январи соли 1999 дар заминаи гуфторҳо барои сокинони шаҳри Душанбе шабакаи мустақими "Садои Душанбе" ба пахши барномаҳои худ шуруъ кард.

Охири солҳои 90-ум ва ибтидои солҳои 2000-ум вазъи иҷтимоиву иқтисодии кишвар рӯ ба беҳбудӣ овард. Соҳибкорон оҳиста-оҳиста бо сармоягузорӣ дар рушди ҷомеа саҳм мегузоштанд. Созмонҳои байналмилалӣ ҳам барои рушди соҳаҳои кишвар, хусусан матбуоти даврӣ, маблағгузорӣ карданд. Маҳз ҳамин гуна шароит барои ба миён омадани радиоҳои хусусӣ замина гузошт. Танҳо пас аз 10 соли Истиқлол аввалин радиои мустақил дар Тоҷикистон арзи ҳастӣ намуд.

Ширкати телевизион ва радио-рекламавии "Тироз" соли 2000-ум дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд таъсис ёфта, аз 1-уми марти соли 2001-ум ба пахши

---

[5] Усмонов И.К. Соли Набиев [Матн] / И.К. Усмонов. – Душанбе, 1995. – С. 69.

барномаҳои худ оғоз кардааст. Соли таъсиси радиои мазкур дар китоби “Таърихи журналистикаи тоҷик” 1996 зикр шудааст[6], вале тавре аз ҳуҷҷатҳои худи радио бармеояд, он соли 2000-ум сабти ном шудааст. Аз соли 1996 “Тироз” на ҳамчун радио, балки як ширкати сабти садо фаъолият мекард. Баъд аз як соли фаъолияти Радиои “Тироз” 9-уми сентябри соли 2002 дар пойтахти кишвар аввалин шабакаи радиоии хусусӣ – Радиои “Азия-Плюс” дар басомади FM ба фаъолият шуруъ намуд. 8 моҳ баъд аз оғози кори Радиои “Азия-Плюс” радиои шабонарӯзӣ бо номи “Ватан” таъсис ёфт, ки холигии фазои иттилоотии пойтахтро пурратар намуд. Радиои “Ватан” рӯйи мавҷи 106 FM дар Душанбе ва атрофи он ва аз охирҳои соли 2009 рӯйи мавҷи 102,4 FM дар вилояти Хатлон бо забонҳои тоҷикӣ (80 дар сад) ва русӣ (20 дар сад) барнома ва мусиқӣ пахш мекунад. Моҳи сентябри соли 2004 Ширкати “Ориёно Медиа” радиои русии “Ориёно”-ро таъсис дод.

Таъсиси шабакаҳои иттилоотиву фароғатӣ нишон дод, ки ин шабакаҳо миёни дигар формати радиоҳо шунавандагони бештар доранд ва аз нигоҳи фаврияти пахши иттилоъ пешқадам ҳастанд.

Дар фасли дуюми ин боб – “**Пайдоиш ва ташаккули Радиои “Имрӯз”** марҳилаи таъсис ва рушди фаъолияти радиои мазкур баррасӣ шудааст. Соли 2007 бо таъсиси радиои “Имрӯз” на танҳо холигии фазои иттилоотии кишвар пурратар шуд, балки миёни ВАО як навъ рақобати иттилоотӣ барои соҳиби бозор шудан эҳсос гардид.

“Имрӯз” радиои иттилоотӣ-фароғатӣ буда, дар солҳои аввали фаъолият танҳо бо забони тоҷикӣ барнома ва мусиқӣ пахш менамуд. Солҳои охир аз мавҷи ин радио бо забони русӣ ҳам мусиқӣ шунида мешавад. Дар замони таъсиси Радиои “Имрӯз”, ки барномаҳояш фақат дар пойтахт ва атрофи он пахш мешуд, дар баробари 3 шабакаи радиои давлатӣ дар ин ҳудуд шабакаҳои хусусии “Азия-Плюс”, “Ватан” ва радиои русии “Ориёно” фаъолият мекарданд. То он замон ягон радиои мустақил пурра бо забони тоҷикӣ барнома ва мусиқӣ пахш намекард. Ба ин манзур метавон гуфт, ки “Имрӯз” аввалин радиои мустақили миллии иттилоотӣ аст. Дар соли 2007 дар ҳар 15 дақиқа хабар пахш кардани як радио барои ҷомеаи Тоҷикистон падидаи нав буд. Албатта, танқид ва озодбаёнӣ дар нашрияҳои даврӣ, ки, аслан, ҳафтанома буданд, ба чашм мерасид, вале дар як соат ҳадди ақал 4 маротиба шунидани хабар аз як радиои мустақил дар низоми радиошунавонии

[6] Усмонов И. К., Давронов Д. Таърихи журналистикаи тоҷик [Матн] / И.К. Усмонов, Д. Давронов. – Душанбе: Азия-Принт, 2008. – С. 276.

Тоҷикистон таҷрибаи нав буд. Радиои “Азия-Плюс” дар як соат як маротиба барномаи хабарӣ пахш мекард. Радиои “Ватан” ҳам тақрибан ҳамин гуна буд.

Таҳқиқ муайян намуд, ки Радиои “Имрӯз” аз рӯзи таъсис ба таври шабонарӯзӣ кор мекунад ва қисми зиёди эфири онро мусиқӣ пур карда, барномаҳои хабарӣ, таҳлилӣ ва фароғатӣ қисми ками вақтро фаро мегиранд. Дар радиои “Имрӯз” ба интихоби мусиқӣ таваҷҷуҳи хоса дода, сифати техникии суруд дар мадди назар гирифта мешавад. Аз оғози фаъолият то соли 2011 дар як соат чор барномаи хабарӣ пахш мешуд. Шуруъ аз соли 2011 дар барномаҳои радиои “Имрӯз” каме тағйирот ба миён омад. Ин тағйирот пеш аз ҳама, ташкили барномаҳои таҳлилии иҷтимоиву сиёсӣ ва фароғатӣ буд. Ҳамчунин баъд аз соли 2011 лаҳни гузоришҳои хабарӣ дар ин радио на танҳо андаке дигар шуд, балки теъдоди барномаҳои хабарӣ кам гардиданд. Тули 15 соли фаъолият Радиои “Имрӯз”, дар баробари дигар расонаҳои хабарӣ, тавонист дар таъмини аҳолӣ бо иттиллоъ, баррасии камбудиҳои иҷтимоӣ, баланд бардоштани маърифати мардум саҳм гузорад. Инчунин дар ин муддат таҷрибаи кор ва таҳияи барномаҳои он дар баъзе радиоҳои дигар истифода шуданд, ки ин аз саҳми Радиои “Имрӯз” дар рушди низоми радиошунавонии тоҷик дарак медиҳад.

Дар фасли севуми ин боби диссертатсия, ки **“Ховар” – радиои иттилоотӣ-фароғатии давлатӣ**” ном дорад, омилҳои таъсис ва раванди ташаккули радиои мазкур мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Радиои “Ховар” дар асоси пешниҳоди Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон “Ховар” бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №285 бо ҳадафи таъмини саривақтии мардум бо иттилои расмӣ таъсис ёфтааст. Радиои мазкур ҳамчун Корхонаи воҳиди давлатии “FM Ховар” дар назди Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон “Ховар” ба қайд гирифта шуда, пахши барномаҳояшро аз 2-юми июни соли 2011 шуруъ намудааст. Дар ин радио хабарҳои расмӣ ба таври фаврӣ ба мардум расонда мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки заминаҳои ҳуқуқӣ барои озодии баён муҳайё аст, расонаҳои хусусӣ ва хориҷии муқими кишвар тавассути ошкорбаёнӣ ва танқиди мушкили ҷомеа мехоҳанд, мавқеи худро дар бозори иттилоотӣ пурзӯр кунанд. Дар ин ҳолат онҳо дастовардҳои ҳукуматро камтар ташвиқ мекунанд. Аз як тараф, барои ин кор онҳо ҳақ дошта бошанд, аз тарафи дигар, гоҳе аз ин шароит сӯйиистифода мекунанд. Чунонки П. Гулмуродзода дар ин бора навиштааст: “Аз хомӯшии расонаҳои расмӣ истифода намуда, расонаҳои мустақилу хусусии Тоҷикистон ба хурӯш меоянд ва барои бештар мавқеъ пайдо намудан дар бозори

иттилоотӣ ҷидду ҷаҳд мекунанд, ки амри воқеист. Бо ҳар роҳ ва истифода аз имкониятҳои гуногуни ба фурӯш баровардани иттилоот чун маҳсулот ва ба даст овардани даромаду фоида, ки яке аз қонунмандиҳои иқтисоди бозаргонист, мавқеашонро дар ҷомеа устувор кардан мехоҳанд."[7] Дар баробари расонаҳои хусусиву ғайриҳукуматӣ расонаҳои расмӣ бояд мавқеи устувор дошта бошанд. Радиои "Ховар" ҳам маҳз бо ҳамин мақсад таъсис ёфтааст. Аз тарафи дигар, тавассути радио паҳн кардани иттилоъ нисбат ба дигар намуди ВАО ҳадафрастар аст. Ҷовид Муқим, муҳаққиқи тоҷик, қайд мекунад, ки: "Бо пайдо шудани алоқаи кайҳонӣ имрӯз дар курраи замин минтақае нест, ки мавҷҳои радиоӣ ба он ҷо нарасанд. Аз ин рӯ радио бо нишондоди паҳн кардани мавҷ, арзон будани истифодаи он ва дастрасӣ ба мардум яке аз беҳтарин воситаҳои суханпароканӣ маҳсуб мешавад."[8] Ҳарчанд оммавӣ шудани истифодаи Интернет ба баъзе паҳлуҳои кори расонаҳои хабарӣ таъсир расондааст, аммо, ба андешаи мо, ҳоло ҳам шабакаҳои радиоӣ воситаи сареи хабаррасонӣ ва сарчашмаи муътамади ахбор ба шумор мераванд. Радио ҳоло ҳам имкониятҳои зиёде дорад, ки дигар воситаҳои электронии ахбори омма бо он наметавонанд рақобат кунанд. Имконияти ба мафкураи ҳар як шунаванда ба осонӣ роҳ ёфтан, дар як замон фаро гирифтани доираи васеи шунавандагони аз ҷиҳати синну сол ва касбу кор гуногун, инчунин имкони дар як замон ба ҳар шунаванда муроҷиат кардан ҳоло танҳо хоси радио аст.

Баъди фаъолияти начандон тулонӣ теъдоди кормандони радиои "Ховар" зиёд карда шуд ва фаъолияти он ба таври шабонарӯзӣ гузашт, ки 24 соат хабару мусиқӣ, мусоҳиба ва дигар барномаҳои тафреҳиву таҳлилӣ пахш менамояд. Соли 2014 садои радиои "Ховар" рӯйи мавҷи 100,5 FM бо истифода аз насби фиристанда дар шаҳрҳои Бохтару (собиқ Қӯрғонтеппа) Кӯлоб ва соли 2015 дар шаҳри Хуҷанду навоҳии он рӯйи мавҷи 91,5 FM дастраси мардум гардид. Густариш ёфтани мавҷи радио имкон дод, ки шунавандагон аз ҳар гӯшаи кишвар ҳар ним соат хабарҳои расмиро аз ин радиои иттилоотии давлатӣ шунаванд.

Бо вуҷуди рақобати зиёд дар фазои иттилоотии Тоҷикистон радиои "Ховар" тавонист тули 11 соли фаъолият мавқеи худро дар ин фазо мустаҳкам кунад. Баъд аз он ки солҳои 2016 то аввали 2018 барномаҳои иттилоотии радиои "Имрӯз"

---

7 Гулмуродзода П. Хомӯшӣ ва хурӯш дар матбуоти тоҷик/ П. Гулмуродзода // Истиқлолият ва журналистикаи муосир [Матн]/Маҷмуи мақолаҳо. – Душанбе: Аржанг, 2006. – С. 14.

8 Муқим Ҷ. Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ. Монография [Матн] / Ҷовид Муқим. – Душанбе: Деваштич, 2006. – С. 4.

коҳиш ёфтанд, "Ховар" ягона радио дар кишвар буд, ки аз ҳама бештар – дар як соат ду бор, барномаи хабарӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ пахш мекард.

Боби дувум – **"Барномасозӣ дар радиоҳои иттилоотиву фароғатӣ"** ном дошта, аз се фасл таркиб ёфтааст.

Дар фасли аввали ин боб зери унвони **"Вижагиҳои барномасозӣ дар Радиои "Имрӯз"** барномаҳои радиои мазкур аз нигоҳи шакл ва муҳтаво таҳқиқ шудааст. Маълум шуд, ки аз 24 соат эфири Радиои "Имрӯз" 8 соатро барномаҳои мустақим ва боқимондаро барномаҳои хабарӣ ва таблиғу суруд ташкил медиҳад. Тӯли фаъолият барномаҳои Радиои "Имрӯз" аз ҷиҳати шакл ва муҳтаво дигаргун шуда, такмил ёфтаанд. Барномаи хабарӣ асоси барномаҳои ин радио маҳсуб меёбад. Дар солҳои аввали фаъолият Радиои "Имрӯз" ҳар 15 дақиқа бахши хабарӣ ва дар як рӯз 4-6 барномаи дигар пахш мекард, ки онҳо низ ҷанбаи иттилоотӣ-таблиғӣ доштанд. Асоси барномаҳои радиои мазкурро хабар ташкил диҳад ҳам, дар солҳои гуногуни фаъолият муҳтавои хабарии он каму зиёд шудааст. Масалан, аз соли 2007 то 2012 ҳар рӯз ба ҳисоби миёна 50 нашри хабарӣ пахш мешуд, ки дар як рӯз 4 соатро дар бар мегирифт. Аз соли 2015 то охирҳои соли 2016 дар ин радио барномаҳои хабарӣ омода намешуданд. Шуруъ аз соли 2020 аз соати 08-10 то соати 18-00, аввали ҳар соат, як маротиба барномаи хабарӣ садо медиҳад. Барномаҳои радиои мазкур аз камбудӣ холӣ нест. Дар баъзе барномаҳои таҳлилии шабакаи мазкур пургӯйӣ ва дар бархе барномаҳои хабарӣ дақиқ набудани фактҳо мушоҳида мешавад. Масалан, дар барномаи "Минбар" аз 15-уми майи соли 2017 давоми 17 дақиқаи аввали барнома бо суханони ровӣ гузашт, ки атрофи масъалаи мавриди баҳс гап мезад.[9] Дар ин муддат ягон мусиқии кӯтоҳ ва садои дигаре шунавонда нашуд, то тулонӣ шудани сухани як нафар ба шунаванда дилбазан нашавад. Бо вуҷуди ин муҳтавои барномаҳои ин радио бозгӯйи мушкили ҷомеа ва вазъи иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии замон ҳастанд. Дар барномаҳои ин радио ҳамеша вазъияти кишвар ва зиндагии мардум инъикос меёбанд.

Дар фасли дуюми ин боб бо номи "**Сиёсати барномасозӣ дар Радиои "Ховар"** шакл ва усулҳои барномасозии радиои "Ховар" мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Радиои "Ховар" аз соли 2011 фазои иттилоотии Тоҷикистонро бо бахшҳои хабарӣ ва барномаҳои ҷолибу рангини фарҳангиву фароғатӣ пур мекунад. Дар ин радио дар як шабонарӯз аз 35 то 40 нашри "Хабар", гузоришҳои фаврӣ,

[9] Минбар. Радиои Имрӯз [Садо]. – 2017, 15. 05.

барномаҳои зиёди таҳлилӣ, сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва варзишӣ омода ва пахш карда мешаванд.

“Ховар” радиои иттилоотӣ-мусиқӣ буда, дар он ахбор мавқеи махсус дорад ва ҳамарӯза аз соати 07:00 то 23:00, ҳар ним соат, барномаи иттилоотӣ бо забонҳои тоҷикиву русӣ пахш мешавад. Аз соати 1-и шаб то 6-и субҳ ҳар соат як маротиба барномаҳои “Ахбор” такрор шунавонда мешавад.

Ҷанбаи таҳлилии радио дар барномаҳои “Мавқеъ”, “Соярӯшан”, “Тафсири як хабар”, “Гуфтугӯ”, “Меҳмони “Ховар”, “Бозтоб”, “Дармон”, “Адиб ва Замон”, “Набзи иқтисод”, “Маърифати ҳуқуқӣ”, “Сарват” ва ғайраҳо мушоҳида мешавад. Бо вуҷуди ин ки дар барномаҳои радиои “Ховар” мавзуъҳои мубрами рӯз баррасӣ мешаванд, барномаҳо аз камбудӣ холӣ нестанд. Такрор шудани як мавзуъ дар чанд барнома, амиқ баррасӣ нашудани мавзуъҳо, омода набудани баъзе муҳаррирон ба мусоҳиба аз камбудиҳои ин шабакаи радиоӣ ба шумор меравад. Дар маҷмуъ, барномаҳои радиои “Ховар” мавзуъҳои гуногуни ҷомеаро дар бар гирифта, барои таъмини шаҳрвандон бо иттилоъ нақши муҳим доранд. Айни ҳол радиои “Ховар” миёни радиоҳои дигар дар як шабонарӯз аз ҳама бештар барномаҳои иттилоотӣ пахш мекунад. Бо вуҷуди ин дар барномаҳои шабакаи мазкур камбудиҳо, махсусан, зуд-зуд такрор шудани мавзуъҳо ва амиқ таҳлил накардани бархе проблемаҳо дида мешавад, ки, ба назари мо, иллаташ камҳавсалагии муҳаррирони барномаҳо аст.

Фасли сеюми ин боб – **“Монандӣ ва тафовут дар барномасозии радиоҳои “Имрӯз” ва “Ховар”** ном дошта, дар он сохт, муҳтаво, услуб ва ҳаҷми барномаҳои ду шабака ба таври муқоиса таҳқиқу таҳлил шудаанд. Ин шабакаҳо низ мисли аксар радиоҳои фароғативу иттилоотӣ бештари эфири худро бо мусиқӣ пур мекунанд. Радиои “Ховар” барномаҳои худро аз соати 6-и субҳ бо суруди миллӣ оғоз карда, соати 12-00-и шаб бо суруди миллӣ қисми аввали барномаҳи рӯзро ҷамъбаст мекунад. Радиои “Имрӯз” барномаҳои худро баъд аз барномаи хабарии соати 8-00 аз шоу-барномаи “Барои ҳам” ва баъзан бо барномаи таҳлилии “Минбар” оғоз мекунад. Барномаи “Барои ҳам”, ки аз соати 8-30 шуруъ мешавад, барномаи табрикотӣ буда, ҷанбаи саргармкунӣ дорад. Дар моҳҳои аввали фаъолияти радиои “Ховар” (2011) чунин барномаи тафреҳии табрикотӣ бо номи “Субҳи “Ховар” роҳандозӣ шуда буд, аммо баъди чанд нашр он дигар ба эфир набаромад. Ҳоло ҳамаи барномаи радиои “Ховар” қаблан сабт карда мешаванд, вале барномаҳои Радиои “Имрӯз” мустақим садо медиҳанд.

Фарқи дигари ҳар ду радио дар он аст, ки “Имрӯз” таъиноти тиҷоратӣ дошта, аксар барномаҳои худро вобаста ба хости сарпарасти барнома омода мекунад. Яке аз хусусиятҳои радиоҳои тиҷоратӣ ин аст, ки вобаста ба завқи маблағгузор барнома омода мешавад ва дар аввал ё авҷи барнома реклама садо медиҳад. Муҳтавои аксари барномаҳо мавзуъҳои иҷтимоиро дар бар мегиранд. Дар умум, мо ҳаҷми барномаҳои якмоҳаи ҳар ду радиоро аз рӯйи 4 самт: иқтисодӣ, иҷтимоӣ, тиббӣ ва адабӣ-фарҳангӣ ҷудо карда чунин қиёс намудем.

Ҷадвали №1

**Муқоисаи муҳтавои барномаҳои радиоҳои “Имрӯз” ва “Ховар” (Моҳи сентябри соли 2022)**

| № | Муҳтавои барнома | Радиои “Ховар” | Радиои “Имрӯз” |
|---|---|---|---|
| 1. | Иҷтимоӣ | 60 | 29 |
| 2. | Адабӣ-фарҳангӣ | 18 | 9 |
| 3. | Иқтисодӣ | 5 | 30 |
| 4. | Тиббӣ | 4 | 0 |

Дар ин як моҳи соли 2022 теъдоди барномаҳои хабарии ҳар ду шабакаи радиоӣ дар шакли зайл буд:

Ҷадвали №2

**Муқоисаи барномаҳои иттилоотии радиоҳои “Имрӯз” ва “Ховар” аз рӯи шумора**

| № | Барнома | “Ховар” | “Имрӯз” |
|---|---|---|---|
| 1. | Хабарӣ | 260 | 55 |

Дар мавриди масъалагузории барномаҳо фарқи радиои “Имрӯз” аз радиои “Ховар” он аст, ки аввалӣ ҳар чӣ бештар мехоҳад интерактивӣ бошад, ки ин иртиботи шунавандаро бо радио бештар мекунад. Сиёсати барномасозӣ дар шабакаи мазкур ҳамин чизро талаб мекунад. “Ховар” эфири мустақим надорад ва шунаванда наметавонад бевосита суханашро гӯяд.

Боби сеюм – **“Қолабҳои жанрӣ дар барномаҳои радиои иттилоотиву фароғатӣ”** номгузорӣ шуда, аз ду фасл таркиб ёфтааст. Дар ин боб таносуби жанрҳои хабариву таҳлилӣ ва бадей-публитсистӣ дар инъикоси масъалаҳои

мубрами рӯз дар заминаи барномаҳои шабакаҳои радиоӣ таҳлилу таҳқиқ шудааст. Дар фасли якуми боби мазкур – “**Инъикоси воқеиёти рӯз дар қолаби жанрҳои хабарӣ”** мақоми жанрҳои иттилоотӣ – хроника, хабар, репортаж, мусоҳибаи радиоӣ, ҷараёнот дар барномаҳои ин ду шабака таҳлилу арзёбӣ шудааст.

Яке аз мақсадҳои воситаҳои ахбори омма таъмини ҷомеа бо иттилоъ ва таъсиррасонӣ ба мафкураи мардум аст. Аз ин рӯ ВАО ҳамеша дар талоши рангоранг кардани барномаҳои худ ҳастанд. Ин рангорангӣ тавассути жанрҳои журналистика амалӣ мешаванд. Ба гуфтаи профессор М. Муродов, “... маҳсули эҷоди рӯзноманигор маҳз тавассути жанрҳои гуногун, аз як тараф, ба низом медарояд, мавзунӣ ва мушахассӣ пайдо мекунад, аз ҷониби дигар, ҷамъбаст мегардад”[10] Ҳарчанд миёни олимон дар шинохти жанрҳо баъзе ихтилофҳо вуҷуд дорад, вале, **дар умум, жанр вазифаи қолаберо иҷро мекунад, ки тавассути он журналист матлаби худро ба шунаванда, бинанда ва хонанда мерасонад, я**ъне фаъолияти эҷодии журналист бидуни жанр ғайри қобили қабул аст.

Дар миёни жанрҳо хабар аз жанрҳои асосии расонаҳои хабарӣ ба шумор меравад. Дар шабакаҳои иттилоотиву фароғатӣ хабар ва навъҳои он – хроника, хабари кӯтоҳ ва хабари васеъ маъмул аст. Барномаҳои иттилоотии радиоҳои “Имрӯз” ва “Ховар” аксар вақт бо сархат ё худ хроника оғоз мешавад.

Дар радиоҳои “Имрӯз” ва “Ховар” хабари васеъ кам истифода мешавад, зеро вақти барномаҳои хабарии ин радиоҳо маҳдуд аст.

